# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Сафарзода Мунир Ватан дар мавзуи «Назария ва амалияи андрагогика дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар шароити нави Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод гардидааст.

***Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.*** Мавзуъ ва муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба самтҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқ мебошанд: ба банди 1. Методологияи таҳқиқотҳои педагогӣ, корҳои таҳқиқотӣ дар рушди илми педагогика, ҳамбастагӣ ва татбиқпазирии онҳо; усулҳои таҳқиқотҳои педагогӣ; ба банди 6. Консепсияи таҳсилот (сифати таҳсилот ва арзёбии он, равандҳои инноватсионӣ дар таҳсилот); ба банди 7. Педагогикаи амалӣ (ҷамъбасткунии таҷрибаи пешқадам; ҳаракати инноватсионӣ дар таҳсилот; фаъолияти таҷрибавии муассисаҳои таълимӣ).

***Муҳиммияти мавзӯи диссертатсия.*** Муҳиммияти таҳқиқи мавзуи диссертатсионии Сафарзода Мунир Ватан дар он зоҳир мегардад, ки муаммои мазкур ба яке аз мавзуъҳои муҳим ва ҳалталаби педагогикаи муосир маҳсуб меёбад. Чӣ тавре, ки муаллифи диссертатсия андеша намудааст, рушди ҷомеа ва ислоҳоти муосири низоми маориф ҳамчун ҷузъи пешбарандаи он, пеш аз ҳама, сифати нави фаъолияти педагогӣ ва тағйир додани шуури шахсонеро, ки ба ислоҳоти маориф нигоҳи тоза доранд, тақозо мекунад. Гузариш аз таълими анъанавӣ ба низоми ба толибилм нигаронидашуда бидуни омӯзгори фаъол ва эҷодкор, ки афзалиятҳои фаъолияти касбӣ ва рушди худро мустақилона муайян карда тавонад, ғайриимкон аст. Муаллифи диссертатсия дуруст таъкид кардааст, ки дар шароити кунунии баланд бардоштани сифати таҳсилот дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ, таҳаввул ва рушди соҳаи маориф, илм ва техника, аз ҷумла, дар бахши таҳсилоти калонсолон беш аз пеш аҳамияти бунёдӣ ва амалӣ пайдо мекунад.

Маълум аст, ки дар низоми такмили ихтисоси омӯзгорон зарурати ворид сохтани навгонӣ пеш омадааст ва дар ин ҷода аллакай баъзе дигаргуниҳои ба назар намоён дар мақсад, мазмун, усул ва шаклҳои раванди такмили ихтисос ба назар мерасанд.

Муаллиф дуруст қайд менамояд. ки имрӯз, ки низоми маорифи мамлакат дар раванди ислоҳот қарор дорад ҳамагуна ташаббусу навгонӣ дар самти таълиму тарбия зарур ва муҳим арзёбӣ мешавад ва хуш пазируфта мешавад. Аз ин лиҳоз, дар ин марҳилаи муҳим бояд самти таълим ба он нигаронида шавад, ки ба ташаккули салоҳиятҳои асосии шахс – маҳорати омӯхтан, коммуникативӣ, эҷодкорӣ, тафаккури интиқодӣ ва ҳамкорӣ мусоидат намояд. Дар ин замина бояд малакаҳои худомӯзӣ, таҳлил, хулосабарорӣ ва муоширати, ки дар кору фаъолияти ҳамарӯза ва зиндагии минбаъдаи шахс бениҳоят заруранд, мунтазам ташаккул дода шаванд. Ташаккули ин салоҳиятҳо ва малакаву маҳорати ҳаётиро, қабл аз ҳама, дар чараёни омӯзиши андрагогика ва низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ ба роҳ мондан мумкин аст. Зеро, кадрҳои педагогӣ – омӯзгорон ҳамчун суъекҳои асосии ислоҳоти соҳаи маориф ба ҳисоб рафта, дар рушд ва амалишавии ҳадафҳои соҳаи маориф нақши ҳалкунанда мебозанд.

Дар асоси андешаҳои дар боло қайдгардида хулоса кардан мумкин аст, ки мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи довталаб Сафарзода Мунир Ватан дар шароити муосир бениҳоят мубраму муҳим ва дорои аҳамияти махсуси назариявию амалӣ буда, он бо дарназардошти талаботи замони муосир ба рушди касбии омӯзгорон ва таълиму тарбияи насли наврас ва дар заминаи таҳаввулоту ислоҳоти куллие, ки солҳои охир дар таҳсилоти кишвар, махсусан дар шароити гузариш ба муносибати босалоҳият ба таълим рӯйи кор омадаанд, таҳия ва барои дифоъ пешниҳод шудааст.

Аз ин нуктаи назар, месазад, ки таҳқиқоти мавриди баррасӣ қарордоштаро ниҳоят мубрам, саривақтӣ ва мувофиқ ба ниёзҳои таҳсилоти муосир арзёбӣ кунем.

***Моҳияти назариявӣ ва илмии мавзӯи таҳқиқот.***

Муаллифи диссертатсия дар асоси омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи оммавӣ ва пешқадами такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф, инчунин, таҳқиқоти назариявӣ оид ба ин масъала зарурати ба вуҷуд овардани шаклу усулҳои нави таълими калонсолон ва фаъолияти низоми такмили ихтисоси кормандони соҳаи маорифро дар иртибот бо рушди андрагогика нишон дода, роҳу усулҳои нави ҳалли ин масъаларо пешниҳод кардааст.

Ба андешаи мо муаллиф ба маврид қайд кардааст, ки таърихи ташаккул ва инкишофи таълими инсон ҳамчун як соҳаи мустақил нишон медиҳад, ки омӯзиш бояд пайваста ва муттасил бошад ва

омӯзиш бояд бо назардошти синну сол, ҷанбаҳои иҷтимоию психологӣ, миллӣ ва дигар хусусиятҳои онҳо ба роҳ монда шавад. Дар ин асос, андрагогика ҳамчун як қисми илми педагогикаи муосир ба ин мақсад нигаронида шуда, масъалаҳои назариявию амалии таълим, омӯзиш ва тарбияи насли калонсолро дар тӯли тамоми умр дар бар мегирад. Ба маънои васеъ андрагогикаро ҳамчун илми худшиносии шахсии инсон дар тамоми умр фаҳмидан мумкин аст. Андрагогика ба рушди шахсият мусоидат карда, барои пайдо кардани мавқеи вай дар ҳаёт, дарк намудани дониш ва иттилооти зеҳнӣ-маърифатӣ ёрӣ мерасонад.

Муаллифи рисола оиди ин масъала андеша ронда ба маврид қайд менамояд, ки дар замони бархӯрди манфиатҳои илмӣ барои донишандӯзии калонсолон вазифаи асосии андрагогика роҳнамоии калонсолон буда, барои рушди ҳамаҷонибаи маърифатӣ-зеҳнии онҳо роҳ мекушояд. Инро ба назар гирифта, муҳаққиқ дар кори худ қайд кардааст, ки андрагогика дар нимаи дуюми асри XX дар соҳаи таълими калонсолон ҳамчун талаботи нави таҳсилот ташаккул ёфт, ҳамчун илми нав шинохта шуд ва айни ҳол асосҳои андрагогӣ ва усулҳои технологии таълими калонсолон дар марҳилаи таҳаввул ва ташаккул қарор дошта, ба тамоми самтҳои соҳаи маориф нақши мусбии худро мегузорад.

Қобили қайд аст, ки довталаб моҳияти андрагогикаро таҳлил намуда, дуруст қайд менамояд, ки он чун ҳамаи соҳаҳои дигари илм ҳамчун низоми ҳамоҳангшудаи илмӣ ва мақоми ниҳоии худро ҳамчун яке аз илмҳои мустақили таълимӣ ҳанӯз ба пуррагӣ касб накардааст ва асосҳои назариявӣ, илмӣ-методологии он натанҳо дар Ҷумҳурии мо, балки дар кишварҳои хориҷ низ ҳануз мавриди омӯзиш ва таҳқиқи васеъ қарор наёфтааст. Аз ин хотир, таҳқиқу баррасии ҳамаҷонибаи илмӣ-назариявии масъалаҳои андрагогика аз муҳим ва мубрам будани мавзуи диссертатсияи Сафарзода Мунир Ватан дарак медиҳад.

***Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.***

Қобили қайд аст, ки диссертатсияи Сафарзода М.В. фарогири тамоми ҷанбаву паҳлӯҳои назариявию амалии вазифаҳо ва фарзияи илмии диссертатсия мебошанд. Арзёбии натиҷаҳои диссертатсия ва таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии баргузорнамудаи Сафарзода Мунир Ватан, ҳамчунин хулосаву тавсияҳои методии коркард ва манзурнамудаи ӯ бозгӯи онанд, ки муаллиф ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо ҳаллу фасл кардааст ва дар натиҷа фарзияи илмии пешнҳодкардаи ӯ дар амал тасдиқи худро пайдо кардаанд.

Ҷолиби диққат аст, ки навгонии илмии таҳқиқот бо асосҳои назариявӣ, илмӣ ва воқеӣ тақвият ёфта, шубҳанок нестанд. Зеро таҳлилу баррасии таҳқиқоти диссертатсионӣ, натиҷаи корҳои озмоишӣ, хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодшуда собит месозанд, ки дар воқеъ аз ҷониби муаллифи диссертатсия:

- даврахои рушди таълими андрагогии калонсолон муайян ва сохтори хронологии он тахия гардидааст;
- заминаи назариявӣ бобати ташкили амалии таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи таҳсилоти ғайрирасмӣ ва андрагогика муайян карда шудааст;
- механизми омода кардани ҳайати кории илмӣ ва таълимӣ дар низоми такмили ихтисос ва азнавтайёркунии ҳайати педагогӣ коркард карда шудааст;
- амсилаҳои фаъолияти дастурдиҳандаи андрагог асоснок карда шуда, малакаҳои асосӣ, дониш, сифат, салоҳиятнокии педагогии ӯ муайян карда шудааст, ки ин усули фаъолияти андрагог аз салоҳияти анъанавии омӯзгор-педагог фарқ мекунад;
- дар асоси ғояҳои бунёдӣ (назариявӣ) ва хулосаҳое, ки дар шакли таҷриба санҷида шуд, монография, дастурҳои таълимӣ-методӣ, барномаҳои курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, мақола ва фишурдаҳои илмӣ тахия гардидаанд;
- методология, назария ва самтҳое, ки нақши таҳсилоти ғайрирасмиро дар низоми такмили ихтисос тавсиф мекунанд, муайян карда шудааст;
- дар асоси таҳқиқоти илмии ватанӣ ва хориҷӣ консепсияҳои назариявии фазои консептуалии таълими ғайрирасмии кадрҳои педагогӣ мураттаб карда шудааст.

Яке аз ҷабҳаҳои назарраси диссертатсия дар он аст, ки дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ ва озмоишӣ масъалаҳои зиёди ташаккули малакаҳои кор бо сохтор, даврахои хронологии ташаккули андрагогика, амсилаҳои гуногуни таълими андрагогика ба таври самаранок ҳаллу фасли худро ёфтаанд, ки аз навгониҳои дигари таҳқиқоти диссертатсионӣ довталаб дарак медиҳанд, аз қабили:

1) шарҳи сохтори хронологии андрагогика ҳамчун илм дар бораи таҳсили калонсолон, ки дар байни илмҳои марбут ба таълим нисбатан нав будани он аз тарафи довталаб нишон дода шудааст, ба ҳадафҳои таълиму тарбияи калонсолон нигаронида шудааст.

2) моҳияти даврахои ташаккули андрагогика ҳамчун илми мустақил, фарқият ва умумияти илмҳои мухталиф дар бораи инсон

(фалсафа, ҷомеашиносӣ, психология) ва маориф (педагогика, иқтисод, фалсафаи таълим, сотсиологияи таълим) шарҳ дода шудааст.

3) нақши ҳафт мавқеи оғоз барои андрагогика (хонандагони калонсол ба мустақилият, худидоракунӣ мекӯшанд ва худро чунин эътироф мекунанд; таҷрибаи ҳаётӣ доранд, ки он ҳамчун манбаи муҳими таълим истифода мешавад; барои ҳалли мушкилоти муҳими ҳаётӣ омӯзонида шудаанд; ба истифодаи мустақими малакаҳо, донишҳо ва сифатҳои ҳосилшуда такя мекунанд; фаъолияти таълимӣ тавассути омилҳои муваққатӣ, фазоӣ, дохилӣ, касбӣ ва иҷтимоӣ роҳандозӣ мегардад; дар раванди таълим нақши роҳбарикунанда доранд; раванди таълим дар шакли фаъолияти муштараки хонандагон ва педагогҳо дар ҳама марҳилаҳои омӯзиш таъмин мегардад нишон дода шудааст.

4) шарҳи амсилаи таълими андрагогӣ, ки маҷмӯи низомҳои қонунгузории асосиро намояндагӣ мекунад ва ташкили фаъолияти омӯзандаи калонсол ва мураббиро барои ҷорӣ намудани таълим аз рӯйи панҷ хосиятҳои асосӣ гурӯҳбандӣ мекунанд (худогоҳии хонанда, таҷрибаи хонанда, ҳавасмандӣ ва ҳадафҳои таълими хонандаи калонсол, истифодаи донишҳои азхудкардаи хонанда, малакаҳо ва сифатҳо, иштирок дар ташкили раванди таълим), ки ба ақидаи довталаб ин амсила аз амсилаи педагогии таълим фарқиятҳои худро дорад.

5) тавзеҳи принсипҳои асосии андрагогии амсилаи таълим, ки мухтасар (дар шакли тезис) ифода шудаанд (афзалияти фаъолияти мустақилонаи калонсолон, фаъолияти муштараки онҳо ва педагог, вобастагӣ аз таҷрибаи хонанда, фардикунонӣ, низомӣ, контекстуалӣ, интихобӣ, воқифии маърифатӣ, таҷдиди натиҷаҳои омӯзиш, рушди эҳтиёҷоти таълимӣ) ҳамчун асос ҳисобида шудаанд.

6) тавсияҳои методӣ оид ба методологияи таълими калонсолон ҳамчун низоми аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи амалҳои хонандагони калонсол ва педагогҳо, ки барои ноил шудан ба мақсадҳои таълимӣ кӯмак мерасонад. Он дар амалия аз ҷониби хонандагони калонсол ва педагогҳо (андрагогҳо) дар ҳар яке аз шаш марҳилаи ҷараёни таълим (ташхис, банақшагирӣ, фароҳам овардани шароит, татбиқсозӣ, баҳодиҳӣ ва ислоҳи раванди таълим) татбиқ карда мешавад.

7) нақши амсилаҳои фаъолияти дастурдиҳандаи андрагог, малакаҳои асосӣ, дониш, сифат, тамоюлоти арзиши педагогии ӯ дар ҷараёни такмили тахассуси омӯзгорон коркард шудааст.

8) технологияи омодасозии педагог-андрагоги салоҳиятнок, ки ба коркарди механизми баландбардории малакаҳо, дониш ва сифатҳои касбии омӯзгорон мусоидат менамояд таҳлил ва асоснок карда шудааст.

Мавриди қайд аст, ки нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот бадастомадаро дар сатҳи мувофиқ равшану возеҳ муаррифӣ карда, мундариҷа ва муҳтавои мантиқии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд:

- ба таври васеъ шарҳ додани мафҳуми таҳсилоти ғайрирасмӣ ва дар ин замина ошкор кардани таҳаввулоти ғояҳо, ки баҳри татбиқи як қатор муносибатҳои методологӣ аз рӯйи консепсияи таҳсилоти калонсолон мусоидат намуда, имкон фароҳам меорад, то ҷанбаҳои гуногуни таҳсилоти ғайрирасмӣ муайян карда шуда, ҳамчун як шакли фаъолияти коммуникатсионӣ дар раванди таълим баррасӣ гарданд;

- пешниҳод кардани ҳамоҳангсозии ҷанбаҳои назариявие, ки дар илми педагогика барои рушди муносибати андрагогӣ дар таълими калонсолон ва таҳсилоти ғайрирасмӣ муайян гардидааст;

- баррасӣ гардидани асоснокии методологияи калидии истифода шудани назарияи фалсафӣ ва антропологии муошират барои эҷоди ҷанбаҳои назариявии таҳсилоти ғайрирасмӣ, ки тибқи он таҳсилоти ғайрирасмӣ ҳамчун фаъолияти коммуникатсионӣ муқаррар шудааст;

- муайян кардани ҷузъҳои таҳсилоти ғайрирасмӣ ҳамчун фаъолияти коммуникатсионӣ (робита, мақсад, мавзуи муошират, эҳтиёҷот ба муошират, ҳавасмандии коммуникативӣ, фаъолияти коммуникатсионӣ, вазифаҳои коммуникатсионӣ, воситаҳои алоқа, воситаҳои коммуникатсионӣ) ва таҳлилу баррасии он;

- пешниҳод кардани роҳҳои таҷзияи се гурӯҳи принсипҳо (андрагогӣ, эвтагологӣ, принсипҳои таҳсилоти инноватсионии муттасил) ва имкони онҳо дар ба назар гирифтани ҷанбаҳои методологии ташкилӣ ва ҳам дидактикии омӯзиш ҳамчун асос барои дониши нави назариявии таҳсилоти ғайрирасмӣ;

- таҳлил ва баррасӣ намудани ҷузъҳои назарияи таҳсилоти ғайрирасмӣ ҳамчун фаъолияти коммуникатсионӣ дар заминаи антропологияи фалсафӣ ва пешниҳоди муфассали масъала;

- мавриди омӯзиш қарор додани муносибатҳои методологӣ, қонуниятҳо, омилҳо, тамоюлҳо, самтҳо ва масъалаҳои марбут ба таълими ғайрирасмӣ ва мавриди омӯзиш қарор додани он;

- асоснок кардани ҷанбаи дидактикии таҳсилоти ғайрирасмии аз ҷиҳати назариявӣ асоснок гардида ва нишон додани таъсири он ба интихоби усулҳо, технологияҳо ва роҳҳои ташкили ҷараёни таълими педагогон-омӯзгорон.

***Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.***

Қайд кардан ҷоиз аст, ки аз ҷониби муаллифи диссертатсия муқаррароти назариявии таҳқиқот ба таври кофӣ далелнок карда шуда, дар асоси таҳлилу арзёбии адабиёти илмӣ дар соҳаи методикаи таълим, педагогика ва психология, кори таҷрибавию озмоишӣ оид ба мавзуи таҳқиқот анҷом ёфтаанд.

Ба яке аз дастовардҳои назарраси илмии муаллиф ба он маҳсуб меёбад, ки муаллифи рисола масъалаи ташаккули малакаҳои андрагогӣ ва механизми амалигардонии он дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогиро ҳам аз таҷрибаи муҳаққиқони хориҷӣ ва ҳам аз дидгоҳи олимону пажӯҳишгарони варзидаи ватанӣ ҳаматарафа омӯхта, таҳлил ва коркард намуда, натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаи худро дар шакли хулосаҳо ва тавсияҳои методӣ омода ва пешниҳод карда, барои исботи андешаҳои худ аз осори илмии олимони маъруфи муосири тоҷику хориҷи кишвар андешаву мулоҳизаҳои хеле зиёду арзишмандро овардааст, ки дурустиву эътимоднокии навгониҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодкардаи муаллифро боз ҳам возеҳтар собит месозанд.

Натиҷагирӣ ва дастовардҳои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилооти методӣ, педагогӣ, психологӣ, таҳлилу тавсифи бисёрсатҳаи мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои ҳамдигарро мукаммалкунандаи таҳқиқотӣ, таҷрибаи шахсии худи муаллиф ки ба ҳадаф, предмет, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқанд, таъмин карда шуданд.

***Татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот дар амалия.*** Қобили қайд аст, ки муҳтавои асосии рисола ва натиҷаҳои таҳқиқоти озмоишӣ дар семинарҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-амалии филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар ш. Кӯлоб, ҷаласаҳои кафедраи педагогика, психология ва методикаи таълими филиали мазкур ва дар конфронсҳои ҳарсолаи илмӣ ва амалии ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ муҳокима ва мавриди озмоиш қарор дода шуда, дар семинару конференсияҳо, мизҳои мудаввар, семинарҳои омӯзишиву курсҳои сайёр, ки солҳои 2017-2022 дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Филиали Муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» дар минтақаи Кӯлоб баргузор гардидаанд, ироа, тасвиб ва тасдиқи худро ёфтаанд.

***Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.***

Арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқот аз навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот бар меояд, ки нуктаҳои зерин муаррифгари онанд:

- мафҳуми таҳсилоти ғайрирасмӣ васеъ гардида, дар ин замина таҳаввулоти ғояҳо ошкор карда шудааст, ки баҳри татбиқи як қатор муносибатҳои методологӣ аз рӯйи консепсияи таҳсилоти калонсолон мусоидат намуда, имкон фароҳам меорад, то ҷанбаҳои гуногуни таҳсилоти ғайрирасмӣ муайян гардида, бо такя ба назарияи фалсафӣ ва антропологии муошират ҳамчун як шакли фаъолияти коммуникатсионӣ дар раванди таълим баррасӣ гаштааст;

- ҳамоҳангсозии ҷанбаҳои назариявие, ки дар илми педагогика барои рушди муносибати андрагогӣ дар таълими калонсолон пешбинӣ шудааст, дар назарияи таҳсилоти ғайрирасмӣ пешниҳод шудааст;

- назарияи фалсафӣ ва антропологии муошират ба сифати методологияи калидӣ тавсиф шуда, он барои эҷоди ҷанбаҳои назариявии таҳсилоти ғайрирасмӣ асоснок карда шудааст, ки тибқи он таҳсилоти ғайрирасмӣ ҳамчун фаъолияти коммуникатсионӣ дониста шудааст;

- ҷузъҳои таҳсилоти ғайрирасмӣ ҳамчун фаъолияти коммуникатсионӣ (робита, мақсад, мавзуи муошират, эҳтиёҷот ба муошират, ҳавасмандии коммуникативӣ, фаъолияти коммуникатсионӣ, вазифаҳои коммуникатсионӣ, воситаҳои алоқа, воситаҳои коммуникатсионӣ) муайян ва мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст;

- моҳияти се гурӯҳи принсипҳо (андрагогӣ, эвтагологӣ, принсипҳои таҳсилоти инноватсионии муттасил) нишон дода шуда, дар он ҳамчун асос ҷанбаҳои методологии ташкилӣ ва дидактикии омӯзиш барои ба даст овардани дониши нави назариявии таҳсилоти ғайриасмӣ ба назар гирифта шудааст;

- ҷузъҳои назарияи таҳсилоти ғайрирасмӣ ҳамчун фаъолияти коммуникатсионӣ дар заминаи антропологияи фалсафӣ баррасӣ карда шуда, муносибатҳои методологӣ, қонуниятҳо, омилҳо, тамоюлҳо, самтҳо ва масъалаҳои марбут ба таълими мазкур мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудааст;

- ҷанбаи дидактикии таҳсилоти ғайрирасмӣ аз ҷиҳати назариявӣ асоснок гардида, таъсири он ба интихоби усулҳо, технологияҳо ва роҳҳои ташкили ҷараёни таълими педагогон нишон дода шудааст.

- роҳу усулҳо ва технологияи коркарду санҷидашудаи аз тарафи муаллиф пешниҳодгардида метавонанд дар раванди ба роҳ мондани курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон дар миқёси Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гиранд;

- тавсияҳои методии таҳияшуда такмили раванди курсҳои такмили ихтисоси омӯзгоронро дар самти ба роҳ мондани таълими калонсолон-омӯзгорон таъмин хоҳанд кард;

- натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми коркарди ҷанбаҳои методии баланд бардоштани самаранокии дарсҳо ва сифати дониши иштирокчиёни курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон истифода гардида, мавриди таваҷҷуҳи мутахассисони соҳаи педагогика, психология ва методикаи таълими Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор гиранд.

***Тасвиби амалии натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.***

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои илмию амалӣ, мизҳои мудаввар ва семинарҳои илмӣ-методӣ дар шаҳрҳои Кӯлоб, Душанбе ва Хуҷанд баргузоршуда ироа ва баррасӣ шуда, дар нашрияҳои илмии тақризшаванда дар 61 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 7 номгӯй монографияҳо, васоит ва дастурҳои таълимию методӣ, 54 номгӯй мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, 30 номгӯй дар алоҳидагӣ ва 24 номгӯи боқимонда мақолаҳои дар дигар нашрияҳо, маводи конференсияҳои илмии байналмилалӣ (РИНЦ) ва ҷумҳуриявӣ дар нашрияҳои шомили Пойгоҳи китобхонаи илмии электронии eLIBRARY.ru ба табъ расидаанд, ки муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

***Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.***

Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферати Сафарзода Мунир Ватан ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода карда, тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок

карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин аст.

Диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал фаҳмо, бо лаҳни равони тоҷикӣ, босаводона навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва мутасилӣ ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола хулосаҳои возеҳ бароварда шудааст.

***Эрод ба таҳқиқоти диссертатсионӣ.***

Бо баробари вуҷуд доштани натиҷаҳои арзишманд ва дастовардҳои илмии назаррас, ки маҳсули фаъолияти пурсамари муаллифи рисолаи мазкур аст, дар рисола баъзе камбудиҳо ва норасоиҳо ба мушоҳида мерасад, ки ба эътибор гирифтани он ба андешаи мо, барои боз ҳам баланд бардоштани сифати рисола кӯмак мерасонад:

1. Хуб мешуд, дар диссертатсия дар бораи муаммо ва мушкилиҳое, ки дар амалияи андрагогика дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар шароити кишвари мо дучор меоянд ва роҳҳои бартараф кардани онҳо маълумоти муфассал дода мешуд, қимати рисола боз ҳам баландтар мегардид.
2. Дар ҳолати дар рисола роҷеъ ба рушди салоҳиятҳои асосии омӯзгорон маълумоти бештар овардан ва ба таври муфассал шарҳ додани фарқияту вижагиҳои ҳар яке аз онҳо боиси боз ҳам ғанитару мукаммалтар шудани моҳияти назариявии диссертатсия мегардид.
3. Дар матни рисола таҳлили тадқиқотҳо ва андешаҳои илмии олимони ватанӣ доир ба масъалаи назария ва амалияи андрагогика дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар шароити ислоҳоти низоми маорифи мамлакат кам ба назар мерасад.
4. Дар матни диссертатсия баъзан хатогиҳои китобӣ, имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор аст.

Маврид ба зикр аст, ки камбудиҳои мазкур ҷузъӣ буда, ба ҳеҷ ваҷҳ мазмуну муҳтавои диссертатсияро коҳиш намедиҳанд, зеро муаллиф вазифаҳои дар назди худ гузоштаро дар сатҳи баланди илмию таҳқиқотӣ ба анҷом расонида, ба дастовардҳои муҳимми илмӣ ноил гаштааст.

## ХУЛОСА

1. Натиҷаҳои боэътимод, хулосаҳои назариявӣ ва асоснокии корҳои озмоишӣ, ки аз тарафи муаллифи рисола басо дар сатҳи зарурии пойгоҳи илмӣ ба даст оварда шудааст аз моҳияти баланди арзишманди илмӣ доштани диссертатсияи тақризшаванда гувоҳӣ медиҳад.
2. Автореферат мазмун ва муҳтавои асосии диссертатсияро дар бар гирифтааст.

3. Дар умум, муаллиф ҳадафҳои гузошташудаи таҳқиқотро пурра ҳал намудааст, хулосаҳо тибқи вазифаҳои пешгузоштаи таҳқиқот асосноканд, мундариҷаи рисола мутобиқи назари мантиқӣ шакл гирифтаанд.

4. Натиҷаҳои илмии рисола барои рушди назария ва амалияи илми педагогика саҳми назаррас дорад.

5. Диссертатсияи Сафарзода Мунир Ватан дар мавзӯи «Назария ва амалияи андрагогика дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар шароити нави Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод гардидааст, ба талаботи Низомнома оид ба Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйироту иловаҳо аз 26.06.2023 таҳти №295) тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Муқарризи расмӣ, доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва
касбии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров — Шаропов Шавкат Аҳмадович

03.11.2025с.

Маълумот барои тамос: 735700. Ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1; Тел.+992 92-771-78-70. Почтаи электронӣ: sharofzod1954@mail.ru.

Имзои Ш.А. Шароповро тасдиқ мекунам.

Сардори РК ва КМ-и МДТ «ДДХ
ба номи академик Б. Ғафуров” ____________ Сайдуллозода З.С.